Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён)

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Асомуддини Рамазони Каримзода дар мавзуи "Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)

Идоракуни экологӣ-иқтисодии захираҳои заминҳои кишоварзӣ дар ҷумхурӣ яке аз мавзуъҳои муҳими кишвар ба ҳисоб рафта, ҳама вакт дар таҳти назорат ва танизими давлат карор дорад. Такмили механизмҳои идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ, хусусан заминҳои кишоварзӣ ҷиҳати амали гардонидани стратегиҳо, консепсияҳо, конунҳо ва барномаҳои рушди соҳавӣ, ҳамкории давлат бо хоҷагиҳои кишоварзӣ далели кушишҳои давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар ин самт мебошанд. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ташаккули низоми идоракунии захираҳои замин ва об дар асоси тақсимоти одилона ва устувори онҳо барои парвариши зироатҳои арзишманди кишоварзӣ; фаъолияти устувори низоми нигаҳдорӣ, истифодаи инфрасохтори обёрӣ ва заҳбуру заҳкашӣ ба сифати замина барои фаъолияти устувори заминҳои обёришаванда ва таъмини амнияти озуқаворӣ, шуғли аҳолӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар деҳот; барқарорсозии низоми обёрӣ ва заҳбуру заҳкашҳо, беҳтар намудани дастрасии об ба заминҳои обёришаванда, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо аз шӯршавӣ ва ботлоқзоршавӣ; такомули таъмини механизмҳои иқтисодӣ барои пӯшонидани хароҷоти нигаҳдорӣ ва истифодабарии инфрасохтори обёрӣ ва заҳбуру заҳкашҳо, такмил додани низоми субсидияи давлатӣ барои пардохти истифодаи неруи барқ, обёрии заминҳои кишоварзӣ ба воситаи пойгоҳҳои обкашӣ, кам кардани таъсири манфии сиёсати тарифии ҳаққи хизмати соҳаи обёрӣ ва баландбардории самаранокии соҳа; инкишоф додани бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва аз байн бурдани мушкилоти дастрасии бозор барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ; ҳалли масъалаҳои таҳвили инфрасохтори

обёрикунӣ ва захбуру заҳкашҳои мавҷудаи дохили хоҷагӣ ба ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) ва таҳкими дастгирии давлатӣ барои рушди устувор ва фаъолияти онҳо; ҷорӣ намудани низоми самараноки ҳавасмандкунии давлатӣ барои аз худ намудани заминҳои нав ва ба гардиши кишоварзӣ баргардондани заминҳои шӯршуда, ботлоқзор ва партов зикр гардидааст, ки бевосита мубрамияти такмили механизмҳои идоракунии экологӣ-иқтисодии захираҳои заминро дар соҳаи кишоварзӣ таҷассум менамояд.

Муаллиф таҳлил намуда қайд менамояд, ки амалисозии чорабиниҳои мелиоративӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба таври зарурӣ аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ ба роҳ монда намешавад. Дар соли 2021 дар ҷумҳурӣ барои гузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ масоҳати 6042 га замин ба нақша гирифта шуда буд, ки иҷроиши он 41%-ро ташкил дода, танҳо дар 2660 га замин чорабиниҳои мелиоративӣ гузаронида шудааст. Мушкилоти асосӣ дар самти бад шудани ҳолати экологии заминҳо ва зиёд шудани заминҳои таназзулёфта дар нокифоя будани ҳаҷми маблағҳо барои таҷдиди системаҳои обёрӣ ва татбиқи мелиоративӣ, гарон будани арзиши нуриҳои органикӣ ва минералӣ, баланд бардоштани ҳосилхезии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, номукаммалии механизми хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Аз рӯйи мазмун ва натиҷаҳои дар автореферат оварда шуда, аён мегардад, ки муаллиф мавзуи таҳқиқотиро дуруст мавриди омӯзиш қарор додааст ва аз иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромадааст.

Новобаста аз бартариятҳо дар автореферат хуб мебуд, унвонҷӯ Асомуддини Рамазони Каримзода баъзе тавсияҳоро ба назар мегирифтанд, боз сифати кор дигар мегашт.

1. Як модели кам кардани хавфҳои экологӣ-иқтисодиро дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳод менамуданд;

2. Нисбати татбиқи инноватсия дар соҳаи кишоварзӣ ба таври васеъ оварда нашудааст.

Сарфи назар аз эродҳои зикршуда, таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ кори илмии анҷомёфта ба Ҳисоббуда, дар сатҳи зарурӣ ва сатҳи баланди илмӣ иҷро гардидааст.

Бояд кайд кард, ки камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, сифати кори илмиро паст намекунанд. Дар маҷмуъ аз таҳлили автореферат бармеояд, ки кори пешниҳодшудаи Асомуддини Р. К. дар мавзуи «Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, ба талаботи санадҳои меъёриву ҳуқуқии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10-Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

Тақриздиҳанда:
н.и.и., дотсенти кафедраи
баҳисобгирии бухгалтерӣ,
таҳлил ва аудити факултети
Иқтисод ва идораи ДДОТ
ба номи С. Айнӣ Зиёзода Б.С.

Имзои Зиёзода Б. С.-ро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

Суроға ш. Душанбе Хиёбони Рӯдакӣ 121, 734003,
Телефон: +992 (37) 2241383, E-mail:info@tgpu.tj

«16» 05 2024